# 112089 - Касе, ки дар Рамазон бимирад, бе ҳисоб вориди биҳишт мешавад?

## савол

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: (Чун Рамазон фаро расад, дарҳои биҳишт кушода мешаванд ва дарҳои дӯзах баста мешаванд ва шайтонҳо занҷирбанд мешаванд). Оё ин маънои онро дорад, ки касе, ки дар Рамазон бимирад, бе ҳисоб вориди биҳишт мешавад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Ин тавр нест, балки ин маънои онро дорад, ки дарҳои биҳишт ба хотири тарғибу ташвиқ барои амалкунандагон кушода мешавад, то вориди он шаванд. Дарҳои дӯзах ба хотири парҳез намудани аҳли имон аз гуноҳон баста мешавад, то вориди он дарҳо нашаванд. Ин маънои онро надорад, ки касе, ки дар Рамазон бимирад, бе ҳисоб вориди биҳишт мешавад, балки ононе, ки бе ҳисоб вориди биҳишт мешаванд, касоне ҳастанд, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ононро дар сухани зерини худ чунин васф намудааст: **«Онон касонеанд, ки талаби руқия намекунанд, худро доғ намекунанд, фоли бад намезананд ва ба Парвардигорашон таваккал мекунанд»**. Бар замми он амалҳои солеҳеро, ки бар онҳо воҷиб аст, анҷом медиҳанд". Поёни сухан.

Ҷаноби Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Фатово исломия" (2/162).